Рўзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рўзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991)

# Овози тоҷик

Бани одам аъзои якдигаранд!

20 январи соли 2024
Шанбе
№ 6 (15017)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

## ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ЎЗБЕКИСТОН БО САФАРИ ДАВЛАТӢ БА ҶМЧ МЕРАВАД

Бо даъвати Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин Си Сзинпин Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев 23-25 январ ба ин кишвар бо сафари давлатӣ ташриф меорад.

Тибқи барномаи будубош дар Пекин музокироти сатҳи олӣ ва як қатор вохўриҳои дуҷониба баргузор мешаванд.

Дар рўзномаи чорабинӣ ба масъалаҳои таҳкими минбаъдаи муносибатҳои шарикии ҳамаҷонибаи стратегии Ўзбекистону Чин ва тавсеаи ҳамкориҳои ҳамаҷонибаи амалӣ ҷой дода шудаанд.

Сарвари давлатамон ҳамчунин ба яке аз минтақаҳои Чин сафар карда, бо роҳбарони ширкатҳои бонуфузи Чин ва ниҳодҳои бонкиву молиявӣ мулоқот хоҳад кард.

**ЎзА.**

## МУНОСИБАТИ БАЙНИ ЎЗБЕКИСТОН ВА ЧИН ДАР ТАМОМИ СОҲАҲО ТОРАФТ ИНКИШОФ МЕЁБАД

***Ҳоло дар вилояти Фарғона бо иштироки сармояи Ҷумҳурии Мардумии Чин 157 корхона фаъолият менамояд. Сол то сол домани ҳамкориҳо васеъ гардида, оид ба самтҳои мухталиф лоиҳаҳои нав таҳия мегарданд.***

Муносибати байни Ўзбекистон ва Чин тамоми соҳаҳоро фаро гирифта, солҳои охир муттасил ривоҷ меёбад. Хусусан дар байни ду давлат давраи нави дўстӣ ва шарикӣ оғоз ёфтааст. Ҳоло дар соҳаҳои автомобилсозӣ, истифода аз манбаъҳои энергияи муқобил, «энергияи сабз», азнавкоркарди меваву сабзавот ва хоҷагии қишлоқ лоиҳаҳои манфиатбахш ба амал татбиқ мегардад. Ҳамзамон дар якҷоягӣ ҳамкории байни ҳудудҳо боз ҳам фаъол гардида, якҷоя бо ҷониби Чин корхонаҳои нав ба кор медароянд.

Соли гузашта дар вилояти Фарғона дар якҷоягӣ бо Ҷумҳурии Мардумии Чин дар лоиҳаҳои татбиқгарданда 537,6 миллион доллар сармояи хориҷӣ азхуд гардида бошад, аз ин 318,5 миллион доллараш сармояи бевосита ба шумор меравад.

Дар ноҳияи Учкўпрук бо иштироки сармоядорони Чин қариб дар 10 самти мухталиф корхонаҳои истеҳсолӣ ба фаъолият пардохтааст.

Дар ноҳия якҷоя бо сармоягузорони Чин ба миқдори беш аз 13,1 миллиард сўм лоиҳаи истиқболноки «Andelai», ки корхонаи хориҷии масъулияташ маҳдуд аст, ташкил гаштааст.

Корхона, ки соли 2020 ба кор андохта шудааст, дар 50 намуд куртаҳои мардона ва бачагона истеҳсол намуда, қариб 200 нафар занону духтаронро бо шуғл таъмин намуда, дар давоми соли 2023 беш аз 40 ҳазор дона маҳсулоти босифат ва қобили рақобат истеҳсол намудааст. Маҳсулоти ин корхона ба Қазоқистон, Қирғизистон ва Тоҷикистон содир мегардад.

– Дар Ўзбекистон сол то сол ҷозибаи сармоягузорӣ афзуда, барои сармоягузорон имтиёз ва имкониятҳо фароҳам оварда мешавад, – мегўяд роҳбари корхона Жианг Гуиненг. – Корхонаамон, ки дар минтақаи озоди иқтисодии «Қўқанд» ҷойгир мебошад, соҳиби бренди худ аст. Аз ин боис дар бозори беруна харидорони маҳсулотамон зиёд мебошад.

Солҳои 2024-2026 дар якҷоягӣ бо Ҷумҳурии Мардумии Чин ба қимати умумии 2471,5 миллион доллар 31 лоиҳа ба нақша гирифта шудааст. Хусусан соли ҷорӣ ба миқдори 322 миллион доллар татбиқи лоиҳаҳо шурўъ мегардад. Дар минтақаи озоди иқтисодии «Қўқанд» аз ҷониби корхонаи «Yong Xin Ceramics»-и Чин ба миқдори умумии 35 миллион доллар кошинҳои сафолӣ ва маҳсулоти сантехника истеҳсол гардида, инчунин бо корхонаи хориҷии ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Hong Gong International» ба қимати умумии 11 миллион доллар барои истеҳсоли аккумуляторҳо барои электроскутер, трисикл, электрмотороллер ва электровелосипед ба корҳои амалӣ пардохта шуд. Дар айни ҳол ҳайати вилояти Фарғона аз Чин боздид намуда, бо ҳамкорони нав ба аҳду паймон ноил мегардад.

**Масъудҷон СУЛАЙМОНОВ,**
**мухбири ЎзА.**

## РАҚОБАТБАРДОР ВА ЭКСПОРТБОБ

*Дар корхонаи тобеи ҶММ «Top Quality Brand»-и ноҳияи Ангори вилояти Сурхондарё аз ашёи хоми пўст маҳсулоти рақобатбардор истеҳсол карда мешавад. Корхона 4 гектарро фаро гирифта, дар давраи аввал 210 ҷойи кор ташкил карда шуд. Коргоҳ бо қувваи пурра ба фаъолият сар кунад, ин рақам ба 400-то мерасад. Маҳсулоти чармии дар ин ҷо ба коркард фарогирифташуда ба Озарбойҷон, Ҳиндустон, Португалия, Италия ва Русия барин кишварҳо экспорт карда мешавад. Ҳаҷми содироти солона 15 миллион доллар, миқдори даромад ба давлат 4 миллиард сўмро ташкил менамояд. Дар корхона соле 1,2 миллион метри мураббаъ чарми тайёр, 450 ҳазор ҷуфт пойафзор, 250 ҳазор дона маҳсулоти атторӣ, 5 ҳазор тонна желатин омода карда мешавад. Пўсти чорво, ки то ин вақт ё ба партов табдил ёфта ё арзон фурўхта мешуд, акнун дар худи ҳудуд коркард мегардад. Муҳимаш, аҳолӣ пўсти чорвои худро фурўхта, соҳиби даромад мешавад.*



***Дар сурат:*** *дар корхонаи тобеи ҶММ «Top Quality Brand»-и ноҳияи Ангори вилояти Сурхондарё.*

***Суратгир: Ҷ. ҚЎЗИМУРОДОВ (ЎзА).***

*Дар китоб ҳамчунин равобити таърихии байни Самарқанд ва Чин, нақши шаҳр дар Роҳи бузурги абрешим инъикос ёфтааст.*

## ДАР ПЕКИН МАРОСИМИ ТАҚДИМОТИ КИТОБИ «СОЛНОМАИ САМАРҚАНД» БА ЗАБОНИ ЧИНӢ БАРГУЗОР ШУД

Дар чорабинӣ намояндагони доираҳои илмии Чин, роҳбарони ширкатҳои сайёҳӣ, инчунин воситаҳои ахбори оммаи ҶМЧ ва ҳамватанони муқими ин кишвар ширкат доштанд.

Китоб, ки аз ҷониби як гурўҳ олимони ўзбекистонӣ омода шуда, дар нашриёти «New Star Press Co, Ltd» бо дастгирии Раёсати нашр ва паҳнкунии адабиёт бо забонҳои хориҷӣ нашр шудааст.

Ба иштирокчиёни тақдимот иттилоъ дода шуд, ки китоб ба таърихи шаҳри бостонии Самарқанд, дар ҷаҳон ҳамчун гавҳари Роҳи бузурги абрешим маъруф бахшида шудааст. Дар он бо тартиби хронологӣ таърихи ҳазорсолаи шаҳр аз пайдоиш то имрўз тасвир карда шудааст. Дар китоб ҳамчунин дар бораи робитаи таърихии Самарқанд ва Чин, нақши шаҳр дар Роҳи бузурги абрешим ҳикоя карда мешавад.

– Самарқанд ҳамчун дурдонаи машҳури ҷаҳонии Роҳи бузурги абрешим ёдгории гузаштаи пуршарафи ин роҳи афсонавӣ буда, дар мубодилаи молҳо технологияҳо, ғояҳо ва арзишҳои фарҳангӣ байни Осиё ва Аврупо саҳми калон гузоштааст, – қайд карда шуд дар маросими тақдимот. – Имрўз Самарқанд макони баргузории чорабиниҳои бузурги байналмилалӣ мебошад. Моҳи сентябри соли 2022 дар ин ҷо ҷамъомади сарони Шўрои кишварҳои аъзои Созмони ҳамкориҳои Шанхай баргузор гардид.

**Ноиби президенти Идораи оид ба корҳои нашр ва паҳнкунии адабиёт бо забонҳои хориҷӣ Юй Тао** дар суханронии худ гуфт, ки Самарқанд дуюмин шаҳри бузурги Ўзбекистон ва яке аз марказҳои роҳи қадимаи абрешим мебошад.

«Чунон, ки Президенти Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев дар муқаддимаи «Солномаи Самарқанд» гуфта буд, ин шаҳри қадимӣ ва ҷавон, воҳаи бо афсонаҳои нотакрори шарқӣ, рангин, дорои манзараҳои қадимӣ ва бошукуҳи таърихӣ ва яке аз гаҳвораҳои тамаддуни ҷаҳон мебошад», – қайд кард ў.

– Бовар дорам, ки «Солномаи Самарқанд» василаи муҳими табодули фарҳангии ду кишвар мегардад. Бо нашри ин китоб дар Чин шумораи бештари одамон ба ин ҷо меоянд, то дар бораи ин шаҳр маълумот пайдо кунанд ва ба он ошиқ шаванд».

**Президенти нашриёи «New Star Press Co, Ltd» Ма Ҷусзюн** қайд кард, ки Роҳи қадимаи абрешим шоҳиди дўстии деринаи Чин ва Ўзбекистон мебошад. Самарқанд, ки бо номи «Оинаи ҷаҳон ва боғи рўҳ» маъруф аст, гавҳари ин масирест, ки Чин ва тамоми ҷаҳонро мепайвандад, таъриху муосирро ҳамоҳанг месозад ва ҳоло ба як маркази илмию фарҳангии машҳури ҷаҳон табдил ёфтааст.

«Китоби «Солномаи Самарқанд» нашри муҳими силсилаи ҳаҷман калони «Солномаи сад шаҳр дар роҳи абрешим» мебошад. Ба Президенти Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев барои сарсухан ба ин китоб ва изҳори итминон, ки нашри ин китоб ба таҳкими муносибатҳои байни Ўзбекистон ва Чин, ба рушди робитаҳои фарҳангии ду кишвар ва боз ҳам коҳиш додани масофаи байни ду кишвар мусоидат хоҳад кард, изҳори сипос менамоям.

**Муовини котиби генералии СҲШ Соҳайл Хон:**

– Имрўз барои иштирок дар муаррифии китоб дар бораи Самарқанд дар сафорати Ўзбекистон дар Пекин хеле хурсандам. Дар ин ҷо ман дар бораи ин шаҳри зебоманзар маълумоти зиёди ҷолибу муфид ба даст овардам.

Бояд гуфт, ки Самарқанд натанҳо ифтихори Ўзбекистон, балки тамоми ҷаҳон, аз ҷумла Покистон аст. Вақте ки сухан дар бораи марказҳои таърихии илмӣ, фарҳанг ва маърифат меравад, аксари одамон дарҳол Самарқандро пеши назар меоранд.

Дар солҳои 2022 ва 2023 дар ин шаҳр ҳамоиши сарони кишварҳои СҲШ, нишасти БАТР ва дигар чорабиниҳои муҳим баргузор шуд. Самарқанд имрўз исбот намуд, ки ҳамчун маркази муколама ва баррасии масъалаҳои рўзномаи байналмилалӣ, ки олимон ва сиёсатмадорони тамоми ҷаҳонро муттаҳид менамояд, хидмат мекунад.

Яке аз хусусиятҳои Ўзбекистон дар байни кишварҳои СҲШ дар он аст, ки тамоми гавҳарҳои роҳи абрешим дар ин ҷо ҷойгир шудаанд.

**Котиби генералии Клуби Пекин оид ба муколамаи байналмилалӣ Хан Хуа:**

– Барои ман Ўзбекистон кишвари ба дил наздик аст. Соли гузашта ман ба Тошканду Самарқанд сафар кардам. Ман ҳамеша ба Самарқанд, ки чорроҳаи тамадунҳои гуногун ва шоҳиди рўйдодҳои муҳими таърихӣ аст, мафтун ҳастам. Дар солҳои охир дар ин ҷо биною иншоотҳои замонавӣ сохта шуданд. Барои рушди муносибатҳои иқтисодии Ўзбекистону Чин имкониятҳои бузург мавҷуданд.

Имрўз мо инчунин мебинем, ки ҳамкориҳои байни кишварҳо ва минтақаҳои мо дар тамоми соҳаҳо чи гуна хеле босуръат рушд мекунанд. Ин бешубҳа ба манфиати халқҳо ва кишварҳои мо хидмат мекунад.

**АИ «Дунё»,**
*ПЕКИН.*

## ҶАМЪОМАДИ ТАШКИЛИИ ШЎРОИ ДАСТГИРИИ МАҲАЛЛА БАРГУЗОР ШУД

***Ҷамъомади ташкилии Шўрои дастгирии маҳаллаи вилояти Самарқанд баргузор шуд.***

Аввал вазифаҳое, ки аз фармони Президенти Ўзбекистон аз 21-уми декабри соли 2023 «Дар бораи чораҳои ба таври том баланд бардоштани нақши институти маҳалла дар ҷомеа ва таъмини фаъолияти он чун зинаи аввал дар ҳалли муаммоҳои аҳолӣ», инчунин қарор «Дар бораи чораҳои иловагии роҳандозии фаъолияти Иттиҳодияи маҳаллаҳои Ўзбекистон ва чораҳои иловагии такмили сохтори ибтидоӣ дар маҳаллаҳо» бармеоянд, мавриди муҳокима қарор ёфтанд.

Таъкид гардид, ки бинобар то ҳол набудани идораи алоҳида, ки фаъолияти сохторро мутобиқ мегардонад, ривоҷёбии маҳаллаҳо суст буд, ба зиммаи идораи давлатӣ гузошта шудани назорат ва мониторинги онҳо ба мақоми худидоракунии маҳалла мувофиқ наомад. Муаммоҳои мазкур бо қабули ҳуҷҷатҳое, ки дар боло қайд намудем, ҳал карда мешаванд. Аз ҷумла, бо мақсади мувофиқгардонии фаъолияти институти маҳалла Иттиҳодияи маҳаллаҳои Ўзбекистон ва шуъбаҳои шаҳрӣ (ноҳиявӣ)-и он ба сифати ташкилоти ғайридавлативу ғайритиҷоратӣ ташкил карда мешаванд.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.**

*Соли дастгирии ҷавонон ва тиҷорат*

## ТИҶОРАТ БЕШТАР ДАСТГИРӢ КАРДА МЕШАВАД

***Бе муболиға метавон гуфт, ки соли 2023 – соли пур аз рўйдодҳои муҳими сиёсӣ буд. Қабули Конститутсияи навтаҳрири Ҷумҳурии Ўзбекистон дар раъйпурсии умумихалқии 30-юми апрели соли равон ба таҳкими асосҳои конститутсионии бунёди Ўзбекистони Нав хидмат кард.***

Интихоботи президентӣ, ки тибқи Конститутсия дар таҳрири нав гузашт, бори дигар баркамолии сиёсии ҷамъиятамон, аз ҷониби халқамон пурра дастгирӣ шудани ислоҳотро, ки дар роҳи бунёди Ўзбекистони Нав ба амал бароварда мешавад, нишон дод.

Ҳамзамон, шароити навшудаи конститутсионӣ-ҳуқуқӣ тақозо менамояд, ки самтҳои асосии рушди кишварро такмил дода, ислоҳоти васеъмиқёси ҷараёндошта ба зинаи нав бардошта шавад.

Ба амал баровардани хоҳишу иродаи халқамон оид ба бунёди Ўзбекистони Нави озоду обод ва тавоно, фароҳам овардани тамоми имкониятҳо барои инкишоф додани салоҳияти ҳар як шаҳрванд, тарбияи насли солиму баркамол, ташаккули иқтисодиёти пуриқтидор, ки қисми муҳими рушди истеҳсолоти ҷаҳонӣ гардидааст, ба воситаи барномаҳои давлатии вобаста ба номи соли иҷтимоӣ амалӣ мегардад.

Зимнан, «Соли дастгирии ҷавонон ва тиҷорат» эълон гардидани соли ҷорӣ ба татбиқи як қатор вазифаҳои стратегӣ хидмат мекунад.

Аз ҷумла, дар моддаи 67-уми Конститутсия дар таҳрири нав муайян шудааст, ки давлат бояд фазои қулайи сармоягузорӣ ва соҳибкориро таъмин намояд, соҳибкорон ҳуқуқ доранд тибқи қонун ҳар гуна фаъолиятро пеш баранд ва самтҳои фаъолияти худро мустақилона интихоб намоянд, Дар ҳудуди Ўзбекистон ягонагии фазои иқтисодӣ мавҷуд буда, маҳсулот, хидматрасонӣ, захираҳои меҳнатӣ, маблағҳои молиявӣ кафолат дода шудааст, фаъолияти инҳисорӣ бо қонун танзим ва маҳдуд карда мешавад ва ин меъёрҳои конститутсионӣ барои дастгирии минбаъдаи тиҷорат дар мамлакатамон ҳамчун заминаи ҳуқуқӣ хидмат мекунад.

Инчунин, фармони Президент аз 11 сентябри соли 2023 «Дар бораи «Стратегияи Ўзбекистон – 2030», дар ҳадафи 47-ум «Самаранок истифода бурдани базаи ашёи хоми маҳаллӣ ва рушди саноат дар асоси технологияҳои пешрафта» – ҷорӣ намудани низоми ипотекаи саноатӣ, ки механизмҳои додани бино дар шакли «тиҷорати тайёр» ба соҳибкорон, инчунин ҳадафи 56-ум таҳти унвони «Ба тамоюлҳои бозаргонӣ пайвастани соҳаҳои монополӣ, зиёд кардани ҳиссаи бахши хусусӣ дар иқтисодиёт, фароҳам овардани шароити мусоид барои фаъолияти озоди соҳибкорон» – тавсеаи имкониятҳои воридшавии тиҷорати хурду миёна ва бозорҳои байналхалқӣ, рушди маблағгузории хурд, дастгирии инноватсия ва стартапҳо ва вазифаҳои татбиқи воситаҳои рушди ҳамкорӣ бо тиҷорати калон ҳамчун нишондиҳандаҳои амалии мақсадҳо то соли 2030 муайян карда шудаанд.

Табиист, ки соли 2024 «Соли дастгирии ҷавонон ва тиҷорат» барои ба амал баровардани ин вазифаҳо пойдевор мешавад.

**Зафар ХУДОЙБЕРДИЕВ,**
**депутати Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис.**

# ТАРҶУМОН – ПАЙВАНДГАРИ ДИЛҲО ВА ХАЛҚҲО

## Суҳбат бо узви Иттифоқи нависандагони Ӯзбекистон, барандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Рӯдакии Ҷумҳурии Тоҷикистон Одил Икром



**– Мухтасар дар бораи худ маълумот медодед. Зеро хонандагони рӯзномаи «Овози тоҷик» бо Шумо аз наздик шинос нестанд.**

– Дар ҳақиқат, ман бо хонандагони рӯзномаи «Овози тоҷик» бори аввал мулоқот мекунам ва шояд мо аз наздик шинос нестем. Вале ин маънии набудани робитаи адабӣ байни ману намояндагони адабиёти тоҷикро надорад. Баръакс, ман бо чанд адибони тоҷики Тоҷикистону Ӯзбекистон алоқаи мустаҳкам дорам. Аз ҷумла, бо адибони тоҷики тоҷикистонӣ Низом Қосим, Фарзона, Озарахш, Аҳмадҷони Раҳматзод, Акбар Абдулло, Ато Мирхоҷа, Сироҷиддин Икромӣ, Додохони Эгамзод, Назри Яздон, адибони тоҷики ӯзбекистонӣ Асадулло Шукуров, Олимҷон Давлатов, Тӯхтамиш Тӯхтаев (Паймон), Тӯхтамиш Боқӣ, Хусрави Саъдуллоҳ, Муҳаммад Шодӣ, Илҳоми Насафӣ, Юнуси Имомназар, Нормурод Каримзода, Раҳимҷон Наимӣ ва дигарон аз наздик шинос ҳастам ва бо онҳо ҳамкорӣ дорам.

Инҷониб 64 сол муқаддам дар деҳаи Кӯлканди Исфараи вилояти Суғди Тоҷикистон таваллуд шудаам. Дар мактаби миёнаи №35 ва Донишкадаи давлатии педагогии шаҳри Ленинобод (ҳоло Донишгоҳи давлатии шаҳри Хуҷанд) таҳсил намудаам. Баъди хатми донишгоҳ дар мактаби № 8 ноҳияи Ҳисор солҳои 1981-1983 ба ҳайси омӯзгори забон ва адабиёти ӯзбек кор кардам. Солҳои 1983-1985 дар рӯзномаи ҷумҳуриявии «Совет Тожикистони» (ҳоло »Халқ овози») фаъолият доштам.

Аз соли 1986 фаъолияти меҳнатии худро дар шаҳри Тошканд идома додам. Як муддат муҳаррири барномаҳои адабӣ-драмавии Кумитаи давлатии радио ва телевизиони ҷумҳурӣ, сипас ба сифати мудири бахши тарҷумаи Иттифоқи нависандагони Ӯзбекистон ифои вазифа кардам. Соли 1991 аввалин китоби ашъори камина бо номи «Уфқ дарахти» («Дарахти уфуқ») дар нашриёти давлатии ба номи Ғафур Ғулом нашр гардидааст. Ҳамон сол маро ба узвияти Иттифоқи нависандагони Ӯзбекистон пазируфтанд. Баъд китобҳои «Таҳаҷҷуд», «Узлат», «Таҳаммул», «Хаёл мақбараси» («Мақбараи хаёл»)-ро дар нашриётҳои Тоҷикистону Ӯзбекистон интишор додам.

**– Шуморо ин ҷо алоқамандони адабиёти тоҷик ба сифати тарҷумон мешиносанд. Китоби устод Лоиқро таҳти номи «Онагинам» хеле хуб тарҷума кардаед. Аз адабиёти классикӣ ва муосири форс-тоҷик боз осори киҳоро тарҷума кардаед? Муносибати Шуморо ба адабиёти форс-тоҷик донистан мехостем.**

– Ба назарам, ҷавобро аз саволи охирин, яъни чӣ гуна будани муносибати ман ба адабиёти форс-тоҷик, оғоз намоям беҳтар мешавад. Зеро тамоми фаъолияти тарҷумониям ба муносибати ман ба адабиёти форс-тоҷик вобастагии қавӣ дорад. Ман ба ин адабиёт меҳру муҳаббати беандоза дорам ва онро хазинаи маънавии оламиён мешуморам. Маҳз ба туфайли ҳамин муҳаббату эътирофу эътибор ман барои тарҷумаи асарҳои классикону адибони муосири тоҷик даст задаам. Тарҷума пайвандгари дилҳо ва халқҳост. Дуруст қайд кардед, ки «Модарнома»-и Шоири халқии Тоҷикистон Лоиқ Шералиро ба забони ӯзбекӣ тарҷума карда, бо номи «Онагинам» соли 2013 дар нашриёти давлатии Хуҷанд нашр намудам. Ногуфта намонад, ки «Онагинам», бино ба талаби хонандагон дар нашриёти шаҳрҳои Хуҷанду Тошканд бознашр шудааст.

Соли 1988 дар китоби «Аср овози» («Садои аср») якчанд тарҷумаи ман аз эҷодиёти Фурӯғи Фаррухзод ворид шуда буд. Баъд як қатор осори насрии адибони форс-тоҷик – «Синдбоднома»-и Заҳири Самарқандӣ, «Чароғи сиёҳ»-и Муҳаммад Субҳонро тарҷума карда, бо номҳои «Хотинлар макри» ва «Қора чироқ» аз нашр баровардам. Маҷмӯаи шеърҳои Фарзонаву Озарахшро бо номҳои «Ишқ тасбеҳи» («Тасбеҳи ишқ»), «Хайрли тонг» («Субҳ ба хайр»), Нақибхон Тӯғрал «Ғазаллар» («Ғазалҳо»), Фурӯғи Фаррухзод «Қайғу гули» («Шукуфаи андӯҳ»)-ро тарҷума карда, аз чоп баровардам. Нашри китоби «Замонавий тожик шеърияти антологияси» («Гулчини назми муосири тоҷик») низ як падидаи адабӣ мебошад. Зеро дар ин китоб тарҷума аз шеърҳои 66 нафар адиби муосири тоҷик, аз устод Абулқосим Лоҳутӣ то Нуралӣ Нурзод намунаҳо оварда шудааст. Кори назаррастарини банда дар боби тарҷума «Маснавии маънавӣ»-и Ҷалолуддини Балхии Румӣ мебошад.

**– Доир ба заҳмати тарҷума чанд сухан мегуфтед. Гоҳе дар тарҷумаи тарҷумонҳо колорити миллӣ ҳис карда намешавад. Чунин ба назар мерасад, ки гоҳе онҳо ҳангоми тарҷума забони худро ба табиат ва ифодаҳои забони мавриди тарҷума тобеъ мекунанд…**

– Ба фикрам, бояд рӯҳи миллӣ дар забони тарҷумашаванда нигоҳ дошта шавад. Мутахассисони варзидаи соҳаи тарҷума борҳо таъкид кардаанд, ки бо назардошти рӯҳи миллии забони тарҷумашаванда тарҷумон бояд ба ҳолати рӯҳии муаллифу осори ӯ ворид шуда тавонад. Дар ҷараёни тарҷума фақат ба дараҷаи кофӣ донистани забони осори тарҷумашаванда кифоя намекунад. Масалан, тарҷумони ӯзбекзабон дар вақти тарҷума пеш аз ҳама бояд роҳу усулҳои дуруст истифодабарии имкониятҳои забони хешро биҷӯяд. Махсусан, тарҷумон аз адабиёти мумтози классикии форс-тоҷик ғазал, мухаммас, маснавӣ ва дигар намуди жанрҳои классикиро тарҷума карданӣ бошад, бояд дар баробари нигоҳ доштани рӯҳи нусхаи аслӣ, ба нигоҳ доштани ченакҳои вазни арӯз низ кӯшиш намояд. Дар вақти тарҷума тарҷумон ҳуқуқ дорад, ки аз ибораҳои рехта, мақолу зарбулмасал ва ифодаҳои забони хеш, ки ба маънои матни аслӣ мувофиқ меоянд, истифода барад. Ин таҷрибаро, хусусан, дар ҷараёни тарҷумаи осор аз тоҷикӣ ба ӯзбекӣ ё худ аз ӯзбекӣ ба тоҷикӣ бемалол истифода бурдан мумкин аст. Наздик будани тарзи зиндагонӣ, урфу одату анъанаҳои ду халқи бародар ба тарҷумонҳои ҳар ду забон чунин имкониятҳоро фароҳам меоварад. Аммо милликунонии асар низ мизони худро дорад. Масалан, тасвири ҳолати хурсандии мансуби миллати рус, немис ё англисро ба таври «ӯ аз ғояти хурсандӣ тоқиашро ба осмон ҳаво дод» тарҷума кардани тарҷумон ғайритабиист...

**– Шеър худ тарҷума аст. Яъне то дар зеҳни шоир кор хӯрда ба рӯйи қоғаз рехтан нафосаташро то ҷое гум мекунад. Яъне, гуфтанӣ будам, ки шеърро дар забони асл хонда баҳра бардоштан лаззати дигар дорад... Чӣ гуфтед?**

– Чӣ мегуфтам? Ба ин савол ба тарзи умумӣ «ҳа» ё «не», гуфта ҷавоб дода намешавад. Касоне, ки забонҳои аслии тарҷумашавандаро ба таври мукаммал медонанд, ба ин савол «ҳар гуна асарро дар забони асл хонда баҳра бардоштан лаззати дигар дорад...», гӯянд, мешавад. Аммо на ҳама забондонанд. Ашхосе ҳастанд, ки натанҳо забонҳои дигар, балки забони худро дуруст намедонанд. Дар ин ҳолат мо танҳо тавассути тарҷума метавонем аз осори халқҳои дигар баҳраманд шавем.

Албатта, тавре ки Шумо қайд кардед, шеър «то дар зеҳни шоир кор хӯрда ба рӯйи коғаз рехтан нафосаташро то ҷое гум мекунад». Хусусияти ба худ хосии забонҳо ба тарҷумонҳо имконияти ба пурраги нигоҳ доштани нафосати ашъори тарҷумашавандаро дода наметавонад. Аммо ин маънои онро надорад, ки нафосати асари тарҷумашуда аз аслият кам аст. Агар тарҷумон аз имкониятҳои забони хеш бархурдор буда маҳорати баланди шоирӣ дошта бошад, нафосату зебоии матни аслиро дар тарҷума нигоҳ дошта метавонад. Ҳатто тарҷумаҳое ҳастанд, ки дар онҳо руҳу нафосати нусхаи аслии шеър нафақат пурра нигоҳ дошта шудааст, балки руҳияту нафосати шеър аз аслият ҳам як қадар болотар садо додааст. Ашъори Сергей Есенинро Эркин Воҳидов ба забони ӯзбекӣ ва Лоиқу Бозор Собир ба забони тоҷикӣ хеле хуб тарҷума кардаанд. Аз ашъори Марина Светаева, Анна Ахматова тарҷумаҳои Фарзона маҳсули меҳнати пурзавқ мебошад.

**– Чанде қабл дар назди Иттифоқи нависандагони Ӯзбекистон Шӯрои адабиёти тоҷик кор сар кард. Ба фикрам, дар назди Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон Шӯрои адабиёти ӯзбек собиқаи бештар дорад. Ба фикри Шумо ин шӯроҳо ба рушди адабиётҳои миллӣ то куҷо саҳм гузошта метавонанд? Барои ҷоннок ва пурсамар кардани кори онҳо чӣ бояд кард?**

– Дар ҳақиқат, дар назди Иттифоқи нависандагони Ӯзбекистон Шӯрои адабиёти тоҷик нисбат ба Шӯрои адабиёти ӯзбек дар назди Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон каме дертар таъсис дода шуд. Ин кори хайрро бо зарбулмасали халқии «Дер ояду шер ояд» талқину дастгирӣ мекунам. Умед дорам, ки ба кор шурӯъ намудани ин шӯро қадами хайре мебошад ва ба рушди адабиётҳои миллии ҳар ду халқ саҳми назаррас мегузорад. Хидматҳои Шӯрои адабиёти тоҷики назди Иттифоқи нависандагони Ӯзбекистон аллакай ба назар мерасад.

(Давомаш дар саҳ.4).

# 6.Ӯ ПУШТБОНИ МАЪРИФАТ БУД

Устод Айнӣ дар хотираҳояш менависад. «Оқибат соли 1917 расид. Баъд аз фалокати 75 чӯби амир, дар моҳи июни ҳамон сол ман тамоман ба Самарқанд кӯчидам. Дар ин ҷо бемор шуда дар хонаи яке аз навшиносҳоям, ки дар гузари Сӯфирозиқ буд, афтодам. Ҷавонони самарқандӣ, ки ман бо онҳо ба тозагӣ ошно шуда будам, ҳар шаб пеши ман омада суҳбаткунон менишастанд ва кӯшиш мекарданд, ки маро хурсанд кунанд...» («Ахтари инқилоб», нашриёти «Ирфон», Душанбе. (1974, саҳ. 127).

Биёед, хонандаи азиз, пеш аз ҳама, дар бораи ин «навшинос»-и устод Айнӣ маълумоти муфассал диҳем. Ин шахс аз равшанфикрони давру замон Исматулло Раҳматуллозода буд, ки дар байни маорифпарварони Самарқанду Бухоро ва водии Фарғона ҳамчун ҳомии маърифат обрӯю нуфузи калон дошт.

Давраи бачагию наврасии Исматулло ба шӯришҳои мардуми маҳаллӣ ва истилогарони рус рост омад. Ӯ соли 1883 дар деҳаи Раҷабамини ноҳияи Самарқанд таваллуд шуд. Падараш ҳамчун деҳқони хокпош дар боғот сару кор дошт. Оилаи онҳо дар ҳамсоябоғии Абдуқодир Шакурӣ мезист. Ин аст, ки Исматуллои ҷавон зуд-зуд бо Абдуқодир, ки дар мадраса мехонд, ҳамсуҳбат мешуд. Рӯзе модари Абдуқодир Бибӣ Розия, ки зани босавод буда, дар ҳавлии худ барои духтарон мактаб кушода, ба саводомӯзонии онҳо машғул буд, Исматуллои наврасро барои хондан ба мактаби худ ҷалб кард. Исматулло дар назди ин зани меҳрубон саводи динӣ гирифта, аз эҷодиёти пурғановати Ҳофизу Бедил ва Ҷомию Навоӣ ва дигарон низ қисман баҳравар шуд.

Дар ин муддат Абдуқодир Шакурӣ баробари дар мадраса таҳсил гирифтан аз фаъолияти мактабҳои навусули замонааш хабардор шуда, бо маслиҳати модари босаводаш дар хонаи алоҳидаи ҳавлиашон барои писарбачагон мактабчае мекушояд ва баробари фанҳои динӣ ба бачагон аз рӯйи фаҳмиши худ аз фанҳои ҳисобу савод (алифбо, арифметика – **Ҳ.Ч.**) таълим медиҳад. Исматулло дар ин ҷо савод бароварда, баъдтар дар мактаби Шакурӣ, ки дар гузари Шарбатдори шаҳр кушода буд, ҳамроҳи устодаш аз пайи омӯзгорӣ шуд ва баробари ин дар мактаби русӣ-тузем, ки маорифпарварони рус кушода буданд, таҳсилро давом медиҳад. Ин мактаб ҷаҳонбинии муаллими ҷавонро васеъ карда, ӯро аз фанҳои дунявӣ воқиф мекунад. Дар натиҷа ба бачагон сирру асрори фанҳои математика, география, ботаника, табиатшиносиро меомӯзонад.

Устоди ӯ маорифпарвари забардасти замона Абдуқодир Шакурӣ мудом аз пайи нановарӣ буд. Ӯ ба шогирдаш Исматулло Раҳматуллозода ин хислатҳои некро омӯхт. Рӯзе Шакурӣ ба шогирдаш гуфт:

Анҷомҳои сафарро тайёр кун, фардо ба Фарғона рафта, бо корҳои мактаби нави Ҳамза Ҳакимзода шинос мешавем. Ҷиҳатҳои хуби услуби таълими ӯро қабул мекунем. Бо ин мақсад устоду шогирд роҳи Фарғонаро пеш гирифтанд. Мактаби Ҳамза дар назди чойхонае ташкил шуда, шогирдон дар як синфхона таълим мегирифтанд. Дар чор тарафи хона аз шеърҳои пандомези шоирони классикӣ байтҳои пурмазмун навишта шуда буданд. Муаллим дарсро ба таври саволу ҷавоб мегузашт. Дар асноии суҳбат Ҳамза ба Шакурӣ гуфт, ки шароит хеле мураккаб, мутаассибон қариб ҳар рӯз ба мактаби мо таҷовуз мекунанд. Бо иғвогарӣ падару модаронро аз роҳ мезананд, то ки фарзандони худро аз мактаб дур кунанд. Аммо ба ҳар ҳол, фаъолияти мактабро идома медиҳем.

Шакурӣ ин суҳбати ӯро бо тамкин гӯш карду:

– Хафа нашавед. Дар музофотҳои мо ҳам аҳвол ҳамин. Чӣ бояд кард? Илоҷи дигар надорем. Ҳарчӣ бошад ҳам, мо мактабдорони усули нави таълим дар якҷоягӣ ҳамфикр шуда, ба муқобили душманонамон бояд мубориза барем. Исматулло аз ин суҳбати ду дӯст хулоса бароварду нисбати рафтори ғаразноки мутаассибон ба ғазаб омад.

Соли 1905 Абдуқодир Шакурӣ дар шафати масҷиди деҳааш – Раҷаб Амин бо як ҷасурӣ боз як мактаби ҷадид ташкил кард. Ба тадбири кушодашавии он маърифатпарварон Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ, Сиддиқии Аҷзӣ, Ҳоҷи Муин иштирок карда, мардуми деҳаро бо афзалиятҳои мактаби нав ошно намуданд. Исматулло Раҳматуллозода фаъолияти педагогии худро дар мактаби нав давом дод. Ӯ дар ин давр аллакай ҳамчун маорифпарвар шуҳрат пайдо карда буд. Ба хубӣ медонист, ки Шакурӣ солҳои гузашта мактаби худро гоҳ дар ҳавличаи Беҳбудӣ, гоҳ ба гузари Тошкандии шаҳр ва гоҳ ба ҳавлии барҳавои Мирраҳимбой, ки дар гузари Сӯфи Розиқи шаҳр воқеъ буд, мекӯчонид, зеро мутаассибон Абдуқодири бечора ва мактаби ӯро мудом таъқиб мекарданд. Ҳатто чанд маротиба ба қатли ӯ азм карданд. Шукри Худованд, ки Маҳмудхоҷаи Беҳбудии муфтӣ ва Остроумов, ки ба шуъбаи маорифи вилоят сару кор дошт, ин сӯиқасдҳоро пешгирӣ карданд. Ин воқеаро баъдтар нависанда Ҳасан Ирфон дар романи «Дар кулбаи косибон» чунин тасвир мекунад.

«Устошарифи кухнадӯз бо ташвиқи муаллим Исматулло Раҳматуллозода ду писарашро ба мактаби нав дода буд. Бинобар қашшоқии усто мактаб онҳоро бе пул мехононд, пули дафтару қалами онҳоро муаллим Қориака (Шакурӣ – **Ҳ.Ч.**) аз кисаи худаш медод. Рӯзе домуллои гузар ӯро (Устошарифро – **Ҳ.Ч.**) аз масҷид меронад. Писаронатро ба тарбияи кофирони зиндик (бехудо) медиҳию худат ба намози ҷумъа меоӣ?! Инро ба шариат мунофиқӣ мегӯянд. Садқаи шариат шавӣ, ки бо мӯйи сафедат пайрави бидъат шуда, исломро хор кардӣ. Баро, нест шав аз масҷид. Бо ғайрату ҳиммати муаллими ман – Исматулло Раҳматуллозода писарони кухнадӯз дар худи ҳамон мактаб хонда, соҳиби саводи дуруст шуданд». (Ҳамон китоб, саҳ. 79-80).

Бале, ин шахси муътабар баробари омӯзгори пешқадам будан хислати бузурги инсонпарварӣ ва меҳру оқибати самимӣ дошт. Ӯ намехост, ки омӯзгору шогирдонаш зери шиканҷаҳои душманони маҳаллӣ монанд. Ӯ бо як ҷасорати ба худ хос мудом бо бидъатпарастон дар афту дарафт шуда, шогирдонашро ҳимоя мекард. Исматулло Раҳматуллозода қариб ҳар рӯз баъди дарс то ҷойи зисташон мебурд, то домуллоҳои масҷид ба онҳо озор нарасонанд.

Бояд гуфт, ки ӯ дар байни омӯзгорон бо дониш ва саводи баландаш низ обрӯ пайдо карда буд ва фанҳои география, математика ва таъриху нуҷумро нисбати дигар омӯзгорон бештару беҳтар медонист. Забони русиро танҳо худаш меомӯзонид. Барои шавқу ҳаваси хонандагонро ба мактаб зиёд кардан аз усулҳои гуногуни таълиму тарбия истифода мебурд. Ба шогирдонаш падарона ғамхорӣ мекард. Исматулло Раҳматуллозода чандин бор барои маҳви бесаводии бачагон ва ташкил намудани мактабҳои навусул бо устодаш Абдуқодир Шакурӣ дар шаҳру ноҳияҳои Бухорои Шарқӣ (Тоҷикистони имрӯза – **Ҳ.Ч.**) сафар кардааст. Дар ин мавзеъҳо рушду камоли мактабу маориф хеле суст буд. Масалан, дар ибтидои солҳои 1900 дар уезди Хуҷанд, ки шумораи аҳолиаш қариб ба 212 ҳазор мерасид, дар мактабҳо шумораи хонандагон ҳамагӣ 4 ҳазор нафар буд, ки ин 2 фоизи аҳолии уездро ташкил мекард. (М.Эркаев, «Дар саргоҳи маориф», Душанбе, «Ирфон», 1979, саҳ. 10). Ин аст, ки маорифпарварони самарқандӣ бо сардории муаллим Абдуқодир Шакурӣ зуд-зуд ба ин мавзеъҳо рафта, ба муаллимони аввалин дар кори таълиму тарбия кумак расониданд. Масалан, ҳамон солҳо Раҳматуллозода ва Раҳим Ҳошим бо устоди худ Шакурӣ муддати чанд рӯз дар деҳаи Қистакӯзи Хуҷанд шуда, ба корҳои омӯзгорон аз наздик ёрдам доданд.

Шиносоии Исматулло Раҳматуллозода бори аввал бо устод Айнӣ соли 1907 ба вуқӯъ пайваст. Чанд рӯз пеш Шакурӣ аз Айнӣ мактуб гирифт, дар он барои ташкили мактаби ҷадидӣ дар Бухоро кумак пурсидани муаллиф сабт шуда буд. Дар боғи барҳавои Шакурӣ меваҳо пухта расида буданд. Фасли тобистон буд. Ҳаво ниҳоят гарм буд. Устод Айниро бо ҳамроҳонаш Мунзим ва Ҳамдӣ Абдуқодир Шакурӣ ва чанде аз маорифпарварон, аз ҷумла Исматулло Раҳматуллозода бо хушнудӣ қабул карданд.

Ҳамон рӯз онҳо бо фаъолияти мактаби Шакурӣ, ки дар деҳаи Раҷабамин – рӯ ба рӯйи ҳавлии соҳибхона буд, шинос шуданд. Иштироки хонандагон ба дарс, тарзи дарсдиҳии омӯзгоронро мушоҳида карданд. Асбобҳои аёнӣ аз ҷумла глобус – шакли заминро дида, хеле хушҳол шуданд. Сипас, шабонгоҳ дар атрофи дастархон нишаста суҳбат карданд. Дар он суҳбат Аҷзӣ ва Беҳбудӣ ҳам ҳозир буданд.

Дар Бухоро, барои мо ташкили ин қабил мактаби навусул хеле мушкил. Амир ва амалдорони ӯ моро мудом назорат мекунанд. Мо ҳайронем, ки аз куҷо ва чӣ хел кор сар кунем, гуфт бо афсӯсу надомат устод Айнӣ.

Шакурӣ риштаи суханро ба даст гирифта: – 5-6 сол шуд, ки вазорати маориф барои ташкили мактабҳои навусул фармоиш дод. Ин маънии он надорад, ки мактаб пурра бо илмҳои дунявӣ мусаллаҳ шавад. Агар фанҳои диниро омехта накунем, албатта ба тазйиқи ҷаламуллоҳо дучор мешавем. Аз ин рӯ эҳтиёткорӣ лозим, – гуфт.

Омӯзгори ҷавон Исматулло Раҳматуллозода суҳбати устодонро гӯш мекарду хулоса мебаровард. Ин шиносоии аввалини Исматулло бо устод Айнӣ буд, ки ба вай таассуроти хуб гузошт.

Дар Самарқанд ҷараёни маорифпарварӣ бо шиддат давом мекард. Алҳол Сиддиқӣ дар маҳаллаи Ҳалвоии ноҳияи Ҷомбой, Ҷавдат дар мавзеи Чорраҳа, Ҳоҷӣ Муин дар мавзеи Сӯзангарон, Фахриддини Роҷӣ бошад, дар наздикии гузари Чақари шаҳри Самарқанд панҷ-шаш мактаби ҷадидӣ кушода буданд. Аз ин пешравиҳо Исматулло Раҳматуллозода ҳам илҳом гирифта дар наздикии мавзеи Регистон бо маслиҳати Шакурӣ мактаби усули нав кушод. Дар он муаллимони пешқадами даврро ба кор ҷалб карда, худ аз фанни забони русӣ таълим дод. Бинобар кам будани китобҳои дарсӣ дар муддати хеле кӯтоҳ бо номи «Таълими алифбо ё худ роҳбари мактаб» китоби дарсӣ навишт, ки барои шогирдони синфҳои ибтидоӣ нисбатан осонтар буд. Исматулло Раҳматуллозода дар китоб шеъру ҳикояҳои хурд-хурди худро, ки мазмун ва мақсади тарбиявӣ доштанд, ҷо кард. Ин алифбо соли 1915 зери таҳрир ваноширии устодаш Шакурӣ рӯйи чопро дид.

Масъалаи дигаре мудом муаллими навоварро ором намегузошт. Ин ҳам бошад, баланд бардоштани дараҷаи саводнокии муаллимон буд. Чунки аксарияти онҳо танҳо ба маълумоти одии мактабҳои ҳамон давра ва мадрасаҳо маҳдуд буданд. Чӣ бояд кард? Ҷамъият рӯз то рӯз ташаккул меёбад. Қонунҳои нав қабул мешаванд. Бо ташаббуси равшанфикрон рӯзномаю маҷаллаҳо чоп мегардиданд. Ҳамаи инро муаллими навовар ба хубӣ идрок мекард ва охир дар фикри ташкил намудани курси кӯтоҳмуддати такмили ихтисоси муаллимон шуд. Зеро медонист, ки педагоги машҳури рус Ушинский фаъолияти такмили ихтисоси омӯзгоронро ба ҳамин усул равнақ дода буд. Ниҳоят ба ҳамин мақсад бо ташаббуси Исматулло Раҳматуллозода дар Самарқанд чунин курс кушода шуд. Акнун омӯзгорони шаҳр ва мавзеъҳои дигар курси махсусро тамом карда, дар фаъолияти худ усулҳои нави таълимро ҷорӣ мекарданд, ба шогирдонашон аз илмҳои гуногуни дунявӣ дарс мегуфтанд.

Тавре ки дар боло гуфтем, Исматулло Раҳматуллозода ҳамчун муаллими навовар барои ташкил намудани мактабҳои навусул дар миқёси вилоят ва берун аз он хидматҳои босазое кардааст. Ҳамаи таҷриба ва кордонии ӯро шуъбаи маорифи халқӣ ба ҳисоб гирифта, ӯро ба омӯзишгоҳи педагогии шаҳри Самарқанд ба вазифаи директорӣ тавсия мекунад. Ӯ тӯли солҳои 1922-26 дар ин вазифа фаъолияти пурмаҳсул нишон дода, садҳо нафар кадрҳои маълумотнокро тайёр кардааст, ки ҳамаи онҳо барои баланд бардоштани савияи дониши ҷавонони кишварҳои Ӯзбекистону Тоҷикистон хидмати шоиста кардаанд. Сипас, қариб даҳ сол вазифаи сарварии «Ӯзбек китоб давлат палатаси»-и Ӯзбекистонро ба ҷо меорад.

Хидматҳои бузурги ин маорифпарвари шуълаварро ҳукумати он вақт ба ҳисоб гирифта, ӯро соли 1935 бо унвони «Қаҳрамони меҳнат» тақдир кард. Исматулло Раҳматуллозода аз ин мукофоти олӣ рӯҳ гирифта, барои ташаккули маърифату маданият дучандон ғайрату шуҷоат нишон медод. Аммо ин фаъолияти пурмаҳсули маърифатпарвари замон дер давом накард. Соли 1937 бухрони шахспарастӣ шиддат гирифта буд. Аввал устодаш Шакурии ҷонфидои маърифат бо тухмат ҳамчун «душмани халқ» ба ҳабс гирифта шуду дере нагузашта ӯро ба узвият ба ташкилоти «Миллий иттиҳод», «Анҷумани маориф» айбдор карда, 10 сол ҳабс карданд.

Дуруст аст, ки Исматулло Раҳматуллозода ҳамчун мусулмон ба масҷид мерафт, намоз мегузошт ва баробари ин бисёр корҳои бузурги маърифати ҷамъияти навро ҷонибдорӣ карда, баҳри ташкили мактабҳои навусул ҷони худро дареғ надошта, бо ақидапарастону мутаассибон мубориза мебурд. Дар ягон фаъолияти ӯ нисбати ҷамъияти нав ҷосусӣ, нишонаҳои душманӣ ва риёкорӣ дида нашавад ҳам, ходимони НКВД ӯро душмани давлат дониста, бадарға карданд. Чаро ин марди равшандилу беозор ба ин рӯзгори пурдаҳшат дучор шуд? Дар ин ҷо як ҳақиқати таърих пинҳон аст. Ин ҳам бошад, ҳукуматдорони рус аз олиму шоир ва шахсони босаводи мардуми маҳаллӣ дар ҳарос буданд, гумон доштанд, ки онҳо халқи маҳаллиро бар зидди онҳо бармеангезанд. Ба ҳамин мақсад ин қабил шахсони пешқадамро бадарға ё ҳабс мекарданд.

**Ҳамза ҶӮРА.**

*САМАРҚАНД.*

**Китобиёт**

***Вақтҳои охир Иттиҳоди нависандагони Ӯзбекистон асарҳои назмию насрии адибони ӯзбекистониро, ки бо забонҳои гуногун эҷод мекунанд, дар шакли китобҳои алоҳида аз чоп мебарорад. Чанде пештар қисми аввали девони шоири боистеъдод Паймон таҳти рукни «Дӯстии адабӣ – дӯстии абадӣ» аз тариқи нашриёти «Адабиёт» ба дасти мо расида бошад, инак аз ҳамин рукн китоби шеърҳои ҳамкори дигарамон Муҳаммад Шодӣ таҳти унвони «Ояти сабз» бо ҳомигии Иттиҳоди нависандагони Ӯзбекистон аз чоп баромад.***

# БОЗ ЯК АРМУҒОНИ НАШРИЁТИ «АДАБИЁТ»

Китоби наве, ки армуғони мост, 1000 адад ва аз 398 саҳифа иборат аст. Муҳаррири масъул Мансур Ҷумъаев, ки пештар дар «Овози тоҷик» кор мекард.

Муҳаммад Шодӣ бо ду забон – тоҷикӣ ва ӯзбекӣ эҷод мекунад ва анъанаи зуллисонайниро қадри имкон давом медиҳад. Чанде қабл Ширкати табъу нашри «Шарқ» асари насрии ӯ «Ёғдуларга чӯмган кўнгиллар» («Дилҳои ба нур оғушта»)-ро аз ҳисоби худ бо 2 ҳазор адад пешкаши дӯстдорони адабиёти бадеъ сохта буд.

Дар антологияи насри электронии ӯзбек аз эҷоди ин ҳамкори мо намунаҳо ҷой дода шудаанд.

Шеърҳое, ки дар китоби тозаи ӯ «Ояти сабз» фароҳам омадаанд, дар солҳои мухталиф гуфта шуда, аз эҳсоси пок саршоранд ва умед аст таровишҳои қалбии муаллиф бо салисиву равонӣ ба дили хонандагон роҳ ёбанд.

**М. МАМАҶОНОВА,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик».**



*Маҳаллаи Янгиқишлоқи ноҳияи Чироқчии вилояти Қашқадарё ба яке аз масканҳои ободи дар қаламрав табдил ёфтааст. Зеро дар ин ҳудуд соли гузашта дар доираи «Деҳаи обод» корҳои васеъмиқёси бунёдгарона ба амал бароварда шуданд. 5,5 километр роҳ мумфарш, 4,5 километр роҳ бетонфарш гардид. Ба 6,5 километр роҳ шағал хобонда шуд. Ғайр аз ин, дар доираи лоиҳаи аз «Опен буҷет» бурднамудаи аҳолӣ 2,5 километр роҳ мумфарш гардид.*

*Бо мақсади беҳсозии таъмини оби нӯшокӣ зиёда аз 10 километр нуқтаи оби нӯшокӣ кашида шуд. Дар доираи барнома боғчаи замонавии кӯдакона барои 150 нафар бунёд гардид, ки дар он ба таълиму тарбия гирифтани хурдсолон кулли шароит муҳайёст. Ба наздикӣ бинои нави маҳалла қомат рост кард ва филиали поликлиникаи 58-уми ноҳия кушода шуд, ки ба аҳли маҳалла туҳфаи хос гашт.*

***Дар сурат:** намои нави маҳаллаи Янгиқишлоқи ноҳияи Чироқчӣ.*

***Суратгир: Ҷ. НОРҚОБИЛОВ (ӮзА).***

# ТАРҶУМОН – ПАЙВАНДГАРИ ДИЛҲО ВА ХАЛҚҲО

(Аввалаш дар саҳ.3).

Бо ёриву дастгирии Иттиҳоди нависандагон нашри китобҳои шоирони тоҷики Ӯзбекистон, иштироки нахустини шоирони ҷавони тоҷики Ӯзбекистон дар семинари эҷодкорони ҷавони Зомин, аз тарафи шоир ва тарҷумони боистеъдод Хусрави Саъдуллоҳ бо маҳорати баланд ба забони тоҷикӣ тарҷума шудани осори намояндаи барҷастаи адабиёти ӯзбек – Заҳириддин Муҳаммад Бобур ва ба субут расидани дигар корҳо хидмати шӯрои навтаъсис мебошад. Барои ҷоннок ва пурсамар шудани кори он, ба назарам, бояд дар ҳамаи шуъбаҳои вилоятии Иттифоқи нависандагони ҷумҳурӣ бахши ин шӯро таъсис дода шавад. Агар таъсис дода шавад, нур болои нур мегардад.

Ба фикрам, ҳоло танҳо дар вилояти Самарқанд таҳти роҳбарии Асадуллоҳ Шукуров бахши Шӯрои адабиёти тоҷик амал мекунад. Боз як роҳи ба даст овардани натиҷаҳои назаррас ин аст, ки шӯро бо марказҳои фарҳангии тоҷикон бояд ҳамкориҳоро ба роҳ монад. Барои мисол гуфтаниям, ки дар вилояти Суғд Маркази фарҳангии ӯзбекони вилоят таҳти сарварии барандаи ордени «Дӯстӣ», номзади илми педагогӣ Илҳом Юсупов беш аз даҳ сол аст, ки амал мекунад ва бо Шӯрои бахши вилоятии Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон алоқаи мустаҳкам дорад. Марказ ба туфайли бо ҳукумати Ӯзбекистон ва Маркази маънавият ва маърифати тоҷикони вилоятҳои Самарқанду Ҷиззах алоқаи адабиро мустаҳкам ба роҳ мондан, китобҳои «Тоҷикистон ӯзбек адабиёти антологияси» («Гулчини адабиёти ӯзбеки Тоҷикистон»), «Меҳрнома» ва дигар китобҳоро интишор дод. Китоби «Гулчини адабиёти ӯзбеки Тоҷикистон» намунаи осори 49 нафар адиби шинохтаи ӯзбеки тоҷикистонӣ, китоби «Меҳрнома» бошад, намунаҳои эҷодиёти 18 нафар шоири ӯзбеки вилояти Суғд ва 18 нафар суханварони тоҷики вилоятҳои Самарқанду Ҷиззахро дар бар мегирад.

**– Доир ба робитаҳои дӯстии халқҳои ба ҳам дӯсту бародар – тоҷикону ӯзбекон, ки хишти тиллоии бинои ҳамзистии ин дӯстиро Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ ва Мир Алишери Навоӣ ниҳодаанд, чӣ гуфтаниҳое доред?**

– Чи хеле ки Шумо таъкид намудед, дар ҳақиқат, Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ ва Мир Алишери Навоӣ хишти тиллоии кошонаи ҳамзистии халқҳои тоҷику ӯзбекро ниҳодаанд. Ин бузургон дар баробари асарҳои оламшумули худ, ба мо дӯстии бебаҳоро мерос гузоштаанд. Адибони бузурги ҳар ду миллат: Ғафур Ғуломи Мирзо Турсунзода, Ойбеку Ҷалол Икромӣ, Абдулло Орифову Бозор Собир, Эркин Воҳидову Лоиқ Шералӣ ва дигарон ба дӯстии ин ду халқи бародар рӯҳи тозаву мазмуни нав бахшиданд.

Қайд кардан ҷоиз аст, ки дар зиндагии ин ду халқи бародар ба туфайли кӯшишҳои сарварони мо – муҳтарам Шавкат Мирзиёев ва Эмомалӣ Раҳмон даври нав оғоз гардид ва дӯстии ӯзбекону тоҷикон мустаҳкамтар шуд. Мехостам, ки байти зерини Мирзо Турсунзода: «Дӯстиро ҷустуҷӯ дорем мо, Аз амонӣ гуфтугӯ дорем мо» вирди забони ҳар як тоҷикистониву ӯзбекистонӣ бошад...

**– Шумо чанде қабл сазовори Ҷоизаи давлатии ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ гардидед. Ин мукофоти олӣ барои кадом хидматҳоятон буд?**

– Каминаро бо Ҷоизаи давлатии ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ барои тарҷумаи шоҳасари олами маърифат – «Маснавии маънавӣ»-и Ҷалолуддини Балхии Румӣ сарфароз гардониданд. Аввало, барои ба назари эътибор гирифтани хидмати ночизи банда ба ҳукумати Тоҷикистон, шахсан ба Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон миннатдории хешро баён менамоям. Инчунин, ба Иттифоқи нависандагони Ӯзбекистону Тоҷикистон, ба адибони шинохтаи ҳар ду кишвар, ки номзадии маро барои гирифтани ҷоизаи мазкур дастгирӣ намудаанд, арзи сипос менамоям.

**– Донистани нақшаҳои эҷодии шоир ва тарҷумони моҳир барои алоқамандони каломи бадеъ мароқангез аст...**

– Хонандагони ӯзбек аз мутолиаи осори намояндагони адабиёти форс-тоҷик хушашон меояд, вале ба эҷодиёти Лоиқ Шералӣ ихлосу таваҷҷуҳи хоса доранд. Шавқу завқи хонандагонро ба инобат гирифта, тавре ки дар боло зикр намудам, бо ҳамроҳии бародарам Сайфуллохон Қорихонов ба тарҷумаи шеърҳои шоир шурӯъ намудем ва соли 2013 китоби «Модарнома» таҳти номи «Онагинам» рӯйи чопро дид. Ин китоб дар нашриёти шаҳрҳои Хуҷанду Тошканд чанд маротиба бо теъдоди зиёд бознашр шуда бошад ҳам, талабгорони ашъори ба забони ӯзбекӣ тарҷумашудаи Лоиқ хеле зиёданд. Барои ҳамин чанд шеъри фалсафӣ ва ошиқонаи ӯро ба забони ӯзбекӣ тарҷума кардам ва китоби нави ашъори ӯро тартиб додаам. Ҳоло китоби нави Лоиқ бо номи «Кўнглим дуо истар», («Дилам дуо мехоҳад») ба чоп омода аст. Агар ҳомиён пайдо шаванд, ин китоби устод низ чоп мешавад. Ҳамчунин, ашъори Муҳаммад Иқболро тарҷума кардаам, ки он ҳам омодаи нашр аст. Нақшаи асосии ман ба охир расондани баёни насрии «Маснавии маънавӣ» мебошад. Нақшаи дигарам барои хонандагони хурдсол тайёр намудани китоби панҷҷилдаи «Хамса»-и Алишер Навоист.

**– Имсол рӯзномаи «Овози тоҷик» садсола мешавад. Орзую таманноҳои Шумо ба аҳли қалам ва хонандагони ин нашрия.** – Иди садсолагии рӯзномаи «Овози тоҷик» нафақат иди тоҷикони Ӯзбекистон, инчунин иди ҳамаи ӯзбекистониён ва тоҷикони ҷаҳон аст. Аҳли қалам ва хонандагони нашрияро бо ин иди пуршукӯҳ табрику муборакбод менамоям. Таманно дорам, ки умри ҳар яки онҳо аз умри рӯзномаи дӯстдоштаашон кам набошад, табъашон шоду рӯзгорашон обод бошад. Барои зиёд намудани донишу малакаи касбии худ ва таҳким бахшидани дӯстии халқҳои бародар саҳм гузоранд. Хомаи аҳли қалами рӯзнома ҳамеша сабз бод!

**– Барои суҳбати пурмазмун ва ҷавоб ба суолҳо ба Шумо аз номи ҳайати таҳририя ва хонандагони рӯзнома арзи сипос менамоям.**

– Саломат бошед!

Мусоҳиб **А. СУБҲОНОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**



*Ба ҷойи табрик*

# НАБЕРАИ МУЛЛО ҚУРБОНИ ҒЕЛОНӢ

Чашми рӯз равшан шуду модар ниҳоят тифли худро ба даст гирифт. Садои сурурангези навзод хонаро пур карда буд. Аз қазо субҳи ҳамон рӯзи нишотангез (20-уми январи соли 1964) моҳи шарифи Рамазон оғоз мешуд. Кӯдакро дар пайравӣ ба суннати ниёкон ва эҳтиром ба моҳи муборак Рӯзибой ном ниҳоданд.

Рӯзибойи Қурбониён!

Ин ҳамон тифл буд, ки ҳаёти Мулло Бобоқулу хонаи Фотимаро ба нишот омехта, чароғи равшани хонадонашон гашт. Онҳо пас аз ин боз ҳафт фарзанд ба дунё оварда, як рӯзгори обод ва озодаеро бино гузоштанд. Аммо ҷойи фарзанди нахустинашон дигар буд – эътимоди қавӣ доштанд, ки Рӯзибойи онҳо мисли бобокалонаш Мулло Қурбони шаҳид шахси фозилу оқиле мешавад. Мулло Қурбони он вақт ҷавон дар замони ҳукумати амирӣ аз ҳамин деҳаи кӯҳистонӣ хеста, аз барои таҳсили илм гоҳ савораву гоҳе пиёда ба Бухорои шариф рафта буд. Вай нуздаҳ сол хоки мадрасаҳои ин шаҳри азиму қадим ва маркази илму динро лесида-лесида, билохира мадрасаи Мири Арабро бо муваффақият хатм кард ва чун муллои аъламе ба зодгоҳ баргашт. Аммо зайли замонаҳо тағйир ёфтанд. Соли 1936 Мулло Қурбони Ғелонӣ низ ба табъиди зимомдорон дучор омада, ба далели рӯҳонӣ будан ҳабс шуд. Ва соли 1937 дар сина аз тири кушандаи як фарзанди кӯрдил ба ҷавори Ҳақ пайваст... Писари ӯ Бобоқул чун ба воя расид, илми падарро пинҳонӣ омӯхт ва худ касби ронандагиро интихоб карда, то ба нафақа баромадан дар ҷамоати «Оқдарё» софдилона меҳнат кард. Аммо тамоми умр аз китобу олами мӯъҷизаи он ҷудо набуд. Китоб ва китобхонӣ дар оилаи ӯ ҷойгоҳи асосиро дошт. Мулло Бобоқул минбаъд дар замони истиқлол масҷиде, ки падараш Мулло Қурбон имом буд, аз таъмир баровардаву дубора аз рӯйхати ҳукумат гузаронида, обод сохт ва дар тарбияти маърифати динии ҷавонони деҳа саҳми арзанда гузошт.

– Падарам то дами вопасин китоб мехонд ва дар оғӯш як ҷилд китоб (соли 2023) ҷон ба Ҳақ таслим кард. Вай як дуои хайре дошт, ки пайваста такрор мекард ва чӣ хуш аст, ки лаззати он гуфтори нек дар зеҳни ман ҷовидона мондааст. Падари китобдӯстам мегуфт: «Илоҳо, фарзандони моро ба дарди китобхонӣ гирифтор кунӣ!» – устод Рӯзибой Қурбониён он суханони беҳтар аз дурру гавҳари қиблагоҳро ба ёд оварда, хеле мутаассир мешавад ва ноаён ашки чашмонашро пок мекунад.

Рӯзибойи Қурбониён дар чунин як хонадони муътабар ва мухлиси ашаддии китоб ба дунё омад. Рӯзгори минбаъди вай низ бо нишондоди падари оқилаш ба дунёи китобҳо пайваст гашт. Пас аз хатми мактаби миёнаи рақами 58-уми ба номи Абдураҳмони Ҷомии деҳаи Ғелон соли 1982 донишҷӯйи бахши филологияи тоҷики Донишкадаи давлатии омӯзгории ба номи Шевченкои Душанбе шуд. Онро соли 1988 хатм карда, солҳои 1989-1991 дар шуъбаи аспирантураи донишкада таҳсил гирифт. Аз соли хониши 1992 дар донишкада, ки акнун ба номи Қандил Ҷӯраев буд, ба кор монд ва то соли 1993 ба таълиму тадриси донишҷӯён машғул гашт. Аммо пас аз ҷангҳои шаҳрвандӣ ва душвор гаштани шароити буду бош ночор ба зодгоҳ баргашт. Рисолаи илмии ӯ, ки таҳти раҳбарии профессор Наҷмӣ Сайфиев дар мавзӯи «Сифот-ул-ошиқин»-и Бадриддин Ҳилолӣ ва муносибати он бо достонҳои Низомии Ганҷавию Амир Хусрави Деҳлавӣ» навишта шуда буд, бидуни ҳимоят монд. Рӯзибойи Қурбониён дар Ғелон як сол дар мактаби таҳсилкардаи худ (соли 1994) ба ҳайси муаллими забон ва адабиёти тоҷик кор кард. Баъдан раҳбари мактаби рақами 58-уми Ғелон таъин гардид. Он солҳо низоми давлатдорӣ комилан шикаставу нав мешуд ва соҳаи таълим ҳам чун кулли соҳаҳо мушкилот дошт. Ҳамчунин ба обрӯи муаллим футур рафта, зиндагии аҳли ин пеша душвор гашта буд. Рӯзибойи Қурбониён дар чунин шароити мураккаб раҳбарии дабистонро ба зимма гирифт ва то соли 2009 сарбаландона иҷро кард.

15 соли роҳбарии ӯ дар мактаб аз давраҳои душвори соҳаи маориф буданд. Китобҳои дарсӣ намерасиданд, адабиёти бадеии тоҷикӣ камёфт, маоши аҳли маориф ночиз буданд. Ба ин далел мутахассисони варзида табдили кор мекарданд... Замонаи «каҷ дору марез» аз раҳбари ҷавони мактаб масъулияти баланде талаб мекард. Рӯзибойи Қурбониён бо мувофиқат ва кумаки сафорати Тоҷикистон дар Ӯзбекистон аз шаҳри Душанбе маводи хонишро дастрас намуда, дар ихтиёри устодони мактаб гузошт. Бинои мактаб низ аз таъмири кулл баромад ва шароити таълим назар ба пешина хубтар гашт. Ҳамчунин чорабиниҳои зиёди фарҳангие роҳандозӣ намуд, ки ба худшиносии шогирдон ва мардуми маҳаллӣ таъсири мусбат расонданд. Аз ҷумла, бори аввал дар мактаб Ҷашнвораи Мавлавиро гузарониданд, ки меҳмонони зиёдеро аз дигар нуқоти Ӯзбекистон низ гирдиҳам овард. Баъдан, ҳам тадбиру ҷашнвораҳои зиёд баргузор гардиданд, ки барои пешрафти маърифату маънавияти шогирдони мактаб такони назаррас гаштанд. Ин чорабиниҳо дар замоне сурат гирифтанд, ки мардум аз китобу қалам худро канор мегирифтанд, бештар дар андешаи дарёфти фоидаҳои иқтисодӣ буданд.

Тобистони соли равон ман ба деҳаи Ғелон рафтам. Вай аз ҷумлаи он маҳалли зисти тоҷикон аст, ки забони тоҷикӣ дар гӯиши сокинонаш ширин ба гӯш менишинад. Ҳини саёҳат аз устод дар бораи таърихи музофоту мазороташ, гузарҳои бешумораш, фарзандони асилаш дар қиболи ҳар гуна ноадолатиҳо, ҳунарҳои мардумӣ, урфу одат, тафовути лаҳҷаи мардуми Ғелон аз шеваи дигар маҳалҳои тоҷикнишин... маълумоти фаровоне гирифтем. Вай дар ҳар мавзӯъ бо ҳарорат сухан мекард ва меҳри баландаш нисбат ба таърихи миллат ва адабиёту забони тоҷикӣ бараъло ҳис мешуд.

Рӯзибойи Қурбониён як олими беунвонест ва маҳз донишмандӣ, ҷонсӯзӣ ба арзишҳои миллӣ, хоса мубориз ҳақгӯй будан ӯро соҳибэҳтиром гардондааст.

Ҷойи баҳс ҳам нест – муҳити деҳа, ки табиат ва урфу одоти алоҳида дорад, аз шӯру шари ҳаёти ниҳоят мураккаби шаҳр фарқ мекунад. Дар деҳа мардум пиндори сода, гуфтори бепарда ва рафтори аҷаб озодае доранд. Рӯзону шабон дар андешаи рушди чорвои худ ҳастанд, ба обу замин меҳри махсус доранд, шукуфон нигаҳ доштани мазраъҳо, боғу роғро... амали солеҳ меҳисобанд. Зеро рӯзиашон аз ин ба каф меояд!

Дар ҷамъияти ҳамин мардуми меҳнаткаш зиста, Рӯзибойи Қурбониён китобу қаламро ҳаргиз канор нагузошт, баръакс дар ҳама ҷо аз китобу фавоиди он сухан мегуфт, барои рушди ҷаҳони маънавии ҳамдеҳагон талош меварзид. Вақте ки бо истифода аз набудани ӯ китобхонаи ғании мактабу деҳаро холӣ карданд ва ба далели созгор набудан ба сиёсати давр нобуд сохтанд, чанд муддат чун мусибатзадагон мегашт. Ин хазина зиёдтар аз даҳ ҳазор китоби бадеию илмӣ дошт ва ғолибан забони аксари ин китобҳо тоҷикӣ буда, дар фасли зимистони тӯлонӣ (5-6 моҳ идома мекунад) мардумро аз бекорӣ наҷот медоданд. Баъдан дар як мулоқот ҳокими вилояти Қашқадарё ваъда кард, ки агар китобҳои бадеӣ пайдо кунанд, омода аст маблағ бидиҳад. Рӯзибойи Қурбониён ба сад илтиҷо китобҳоро ба деҳа овард, аммо аз маблағ дарак нашуд! Ночор он маблағи калонро аз нӯки маоши худ пардохт. Одамоне мисли Рӯзибойи Қурбониён тафаккури ҷудогона доранд ва ҳатто дар пешрафт ва маҳсулнокии андеша бартаранд.

Рӯзибойи Қурбониён солҳои 2009-2014 дар Донишкадаи омӯзгории вилояти Тошканд, воқеъ дар шаҳри Ангрен кор карда, чанд муддат ба донишҷӯён дарс дод ва баъд дубора ба зодгоҳ баргашта, дар мактаби мазкур ба таълиму тадриси шогирдон машғул шуд. Бояд гуфт, ки вай соҳиби шаш монографияи илмӣ, ҳамчунин муаллифи зиёда аз 100 мақолаи илмӣ, оммавӣ ва публисистӣ ба шумор меравад.

Аз соли 1994 бо Маркази таълими ҷумҳурӣ робитаи қавӣ дорад ва дар ин муддат тақрибан ба 50 китоби дарсӣ муҳаррирӣ, асарҳои «Гулистон» ва «Бӯстон»-и Саъдии Шерозӣ, «Ахлоқи мӯҳсинӣ», «Футувватномаи султонӣ»-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ, «Дурр-ул-маҷолис»-и Сайф Зафари Бухороӣ ва «Нур-ул-айн»-и Носириро таҳия кардааст. Маҷмӯаҳои илмии доир ба шеършиносӣ ва таърихи забонҳои эронии Рӯзибойи Қурбониён дар бахшҳои филологияи тоҷики донишгоҳҳои кишварамон чун дастури таълимӣ истифода мешаванд.

Вай ба синни муборакaи 60 медарояд. Мутаассифона, устод Рӯзибойи Қурбониён барои хидматҳояш дар роҳи афрӯхтани чароғи маънавияту маърифати ҷомеа мукофот ё унвоне надорад. Ҳатто «Сипоснома»-ву «Ифтихорнома»-е ҳам. Ҳарчанд ба ҳама гуна қадрдониву қадршиносӣ шоиста аст.

Устод мегӯяд: саломи сидқидилонаи шогирдонам барои ман беҳтарин унвон ва ноёбтарин мукофот аст.

Аммо як орзу дорам:

– Агар Вазорати таълими томактабӣ ва мактабии ҷумҳурӣ соатҳои дарси забон ва адабиёти тоҷикро таҷдиди назар ва чун пешин зиёд мекард, онро чун беҳтарин подош қабул менамудам! Кам шудани соатҳои дарсии ин фанҳо ба сифати таълим таъсири манфӣ мерасонад ва билохира, завқи тоҷиконро ба мактабҳои миллиашон коста мекунад.

**Шариф ХАЛИЛ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти ҚАШҚАДАРЁ.*

# АЗ АВВАЛИН ТАБИБОНИ ДЕҲА БУД



Ибтидои солҳои ҳафтодуми асри гузашта. Мо – мактабхон. Таътили тобистонаи онсоларо дар истироҳатгоҳи пешоҳангони гӯшаи Зардолузори ҳамсоядеҳи Қарокӯрғон мегузарондем. Ин деҳа дар доманаи қаторкӯҳҳои Чотқол ҷойгир буда, аз миёни он Кӯксараксойи пуроб мегузашт. Вай мавзеи сердарахту серсоя ва ҷойи дамгирӣ буд. Роҳбар, муаллимони тарбиягар ва қисми зиёди бачагони он истироҳатгоҳ варзикиён буданд. Бунгоҳи тиббӣ дар дохили истироҳатгоҳ буд ва он вақт ба аҳолии тахминан духазорнафараи он, ҳамсоядеҳ ва мо – истироҳаткунандагон хидмат мерасонд. Ба он як ҷавони тануманд, базеб ва сарпӯшу халаташ сафед фаъолият дошт. Мо пеш ӯро надида будем. Гуфтанд, ки вай аз Варзик аст ва исмаш Шарофбой мебошад.

Шарофбой Калонов баъди хатми мактаби миёнаи рақами 13-уми деҳаи Варзик ва пас аз адои қарзи аскарӣ, дар техникуми тиббии Намангон маълумоти миёнаи махсус гирифт. Ӯро маъмурият дар тақсимот ба иттиҳодияи тиббии ноҳияи Чуст равон кард. Калонов ба бунгоҳи тиббии деҳаи Қарокӯрғон омада, ба кор оғоз кард. Кор ҳар рӯз, ғайр аз рӯзи якшанбе, аз соати 9 то 18 идома дошт. Аз маркази деҳаи Варзик то ин макон масофа 6 километр буд. Ягон воситаи доимии нақлиёт дар ин фосила рафтуомад намекард. Рафтуомад азоб буд. Танҳо Ваҳҳобҷон ном ронанда ҳар пагоҳ, барвақт дар мошини «ГАЗ-50» аз Варзик ба деҳаи Қарокӯрғон омада, аз фермаи чорво ба комбинати ноҳияи Чуст шир мебурд. Калонов гоҳ бо ин мошин ба кор мерафт, гоҳ пиёда.

Таҳҷоиёни деҳаи Қарокӯрғони бо Қирғизистон ҳамсарҳад қариб нисф тоҷикон, ҳамчунин ӯзбеку қирғизон буданд. Онҳо дӯстона зиндагиву кор мекарданд. Касе аз онҳо Калоновро бегона намедонист, ӯро ҳама худӣ медонистанд. «Шумо» гӯён муроҷиат мекарданд.

Аз рӯйи таъкиди Калонов, духтур, «ёрии таъҷилӣ» ва «патронаж»-и деҳа фақат худаш буд. Дар бунгоҳ баъзан шабро бо рӯз мепайваст. Ҳамагӣ 60 сӯм моҳона мегирифт. Баъдтар ҳамсараш Инобатҷон чун санитарка ба вай ҳамкор шуд. Шарофбойако бо ин норасоӣ ва пиёдагардиҳо 20 сол меҳнат кард. Пас аз он ки кадрҳои таҳҷойӣ омаданд, ӯ вазифаашро ба онҳо супурд. Ба шифохонаи Варзик гузашт. Маошаш кам буд. Аз ин рӯ, 5 сол дар хоҷагии ҷамоавӣ кор кард. Сипас барои кор ба обанбори Варзик омада, фаъолияти тиббиашро давом дод.

Дар бунгоҳи он ҷо бо муздди навбатдориҳо маошаш зиёдтар шуд. Дар 55-солагӣ ба нафақа баромад.

Онҳо – зану шавҳар бо меҳнати ҳалол 6 фарзанд – 5 духтару 1 писарро ба камол расонданд. Алҳол дар давраи фарзандон, набераю аберагон айёми пирӣ мероnанд.

**Ш. МИРЗОЕВ,**
*вилояти НАМАНГОН.*

*Дар арзҳои дӯстӣ*

# САНЪАТ САРҲАД НАДОРАД

Дар театри драмавӣ-мусиқии Самарқанд ҳунарпешагони Театри давлатии академии ба номи устод Абулқосим Лоҳутии Тоҷикистон пас аз сафари эҷодӣ дар Сурхондарё асари мазҳакавии Холиқ Хурсандов «Баъди мурдан хоҳ ою, хо(ҳ) наё»-ро намоиш дода, бо кафкӯбӣ ва гулдастаҳои тару тозаи ҳозирон, инчунин туҳфаҳои хотиравии маъмурияти театри мазкур сарфароз шуданд.

– Мо аз истиқболи самимонаи мизбонон хеле сарфароз гардида, аз барқарор гардидани риштаи дӯстии байни ду кишвари ҳамҷавор сипосгузор ҳастем, – иброз дошт директори театри ба номи Абулқосим Лоҳутӣ Абдукарим Машрабов, – ниҳоят пас аз чанд сол бо ташаббус ва дастгирии сарварони ду давлат – муҳтарам Шавкат Мирзиёев ва Эмомалӣ Раҳмон дару дарвозаҳои баста ба рӯйи мардуми Ӯзбекистон ва Тоҷикистон кушода шуд. Фаромӯш набояд кард, ки ба қавли шоир:



*Дӯстиро ҷустуҷӯ*
*дорем мо,*
*Аз амонӣ гуфтугӯ*
*дорем мо.*

Ҳунарпешагони тоҷик бо ёдгориҳои таърихии Самарқанд шинос гардида, алалхусус аз маҷмӯаи навбунёди «Шаҳри абадӣ» як олам таассурот гирифтанд.

**Баҳодури ЗОҲИР,**
*САМАРҚАНД.*


*Овози тоҷик*

МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши,
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ

Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-128.
Адади нашр 262. Ҳаҷм 2 чузъи чопӣ.
Усули нашр – офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Муҳаррири навбатдор:
М. Шодиев.
Саҳифабанд-дизайнер:
Х. Тӯхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.00
Ба чоп супурда шуд — 21.30

**Нишонии мо:**
**100011 ш.Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30, ошёнаи 4.**
Телефонҳо: қабулгоҳ: +998555200337;
Котибот +998555200336.
Факс: +998555200337.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.